**МАВЗУИ «МАКТАБҲОИ КАМНУФУС: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН»**

15-уми майи соли 2025 дар доираи иҷрои Нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон конференсияи илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Мактабҳои камнуфус: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» баргузор гардид.

Чорабиниро намояндаи Раёсати маорифи вилояти Хатлон Қурбонов Асадулло оғоз бахшида, оид ба фаъолияти мактабҳои (синфҳои) камнуфуси вилояти Хатлон изҳори андеша намуд. Сипас, намояндаи шуъбаи маорифи ноҳияи Хуросон Қосимов Нурулло Ҳикматович доир ба тарзи ташкили машғулиятҳо дар мактабҳои камнуфуси ноҳия маълумот дод. Баъд аз он мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бозингариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент дар мавзуи «Мушкилот дар мактаби камнуфус ва роҳҳои ҳалли он» баромад намуд.

Инчунин дар конференсия ходимони илмии Пажӯҳишгоҳ, номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Гулрафтор Шералиевна дар мавзуи «Особенности преподавания русского языка в малокомплектной школе (классе)» ва ходими калони илмӣ Шарифова Санавбар Саъдуллоевна дар мавзуи «Ташкили роҳу усулҳои муосири раванди таълим ва мушкилоти он дар мактабҳои камнуфус» маърӯза намуда, изҳори андеша намуданд.

Дар қисмати хотимавии конференсия муҳокимаронихо ва саволу ҷавоб оид ба роҳҳои ҳалли мушкилот дар мактабҳои камнуфус ва усулҳои беҳтар гардонидани омӯзиши забони русӣ дар мактабҳои камнуфус сурат гирифт.










СОҲАИ МАОРИФ